**Суратмаҷлиси №43**
**шурои диссертатсионии 6D. КОА-067**
оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ва доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик ва 10.01.09 – Фолклоршиносӣ) ва 10.02.00 - Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ)

31 декабри соли 2024 ш. Душанбе

Иштирок доранд:
аз 16 нафар узви
шуро 14 нафар

**Рӯзнома**:

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи **Шакармамадов Ориф Нисормамадович** дар мавзуи “Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ” (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон) барои дарёфти дараҷаи илмии нҷмзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 – Фолклоршиносӣ) (роҳбари илмӣ, доктори илмҳои филологӣ, сарходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандарови АМИТ Охониёзов Варқа Дустович) ба ташхиси аввалия ва таъин намудани комиссияи ташхис.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., Шарифзода Ф.Х. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи **Шакармамадов Ориф Нисормамадович** ба шурои диссертатсионӣ.

**Гузориш дода шуд:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ н.и.ф. Мухамедходжаева Р. гузориш дод, ки ҳуҷҷатҳо ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи **Шакармамадов Ориф Нисормамадович** – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхиси аввалия монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи **Шакармамадов Ориф Нисормамадович** дар мавзуи “Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ” (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 – Фолклоршиносӣ) (роҳбари илмӣ, доктори илмҳои филологӣ, сарходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандарови АМИТ Охониёзов Варқа Дустович) ба ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

- Раҳмонов Р. доктори илми филология, узви шуро, раиси комиссияи ташхис;
- Қурбонзода Р., доктори илми филология, узви шуро, узви комиссияи ташхис;
- Давлатбеков Л., доктори илми филология, узви шуро, узви комиссияи ташхис.

Қарор карда шуд: тарафдор – 14 нафар, зид, бетараф нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ — Шарифзода Ф.Х.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ — Мухамедходжаева Р.